# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

“1” феврали соли 2023 № 21/уа шаҳри Душанбе

Дар бораи рад кардани додани унвони илмӣ

Мутобиқи бандҳои 9, сархати 18 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), бандҳои 33, 34, 38 сархати 2 ва 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон” аз 14 октябри соли 2022, № 1178 ҷиҳати ба Солиев Иброҳимхӯҷа Муратҷонович додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Ҳуқуқ, бинобар риоя нагардидани сархати 3 банди 10 ва банди 12 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) рад карда шавад.

2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Солиев И. М., танҳо пас аз 1 (як) сол аз рӯзи ба тасвиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки барои дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия -Иброҳимзода Д.Э., вогузор карда шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ аз 10.01.2023 ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2023, № 02.

Раис Розиқзода А.